ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи “Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Тайғиротҳои ҷиддие, ки дар низоми маориф дар даврaи соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ омадааст, рушд ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар самти ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда дар назар дорад, то ки онҳо ҳамчун шахсияти дорои фарҳанги сиёсӣ ба фаъолияти касбии худ омода бошанд.

Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд: «Ислоҳоти иқтисодӣ ва азнавсозӣ, дар маҷмуъ, инсонро дар мадди аввал мегузорад. Адолати иҷтимоӣ талаб мекунад, ки нисбат ба муайян сохтани қобилияти фардии шахсият эътибори бештаре дода шавад...» (Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23-юми декабри соли 2022).

Маълум аст, ки сатҳи дараҷаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда ба пуррагӣ аз фаъолияти пурсамари муассисаҳои таҳсилоти касбӣ вобастагии калон дорад. Аз ҳалли масъалаи рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён масъалаи он ки дар ҷомеаи мо оянда шаҳрвандони қонуншинос, ба қонун эҳтиром дошта ва ҳимоятгари ҳуқуқҳои хеш бартарӣ дошта зиндагӣ ба сар мебаранд, вобастагии ногусастанӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъ ва коркарди илмии он аз тарафи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ шудаанд.

Кори диссертатсионии Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия гардидааст. Омили муҳиме, ки мубрамии муаммои баррасишавандаро таъйин мекунад, зарурати таҳлили илмии тамоюлҳои таҳсилоти муосир аст, ки бо таҳқиқи роҳу усулҳои навини ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ алоқаманданд. Таҳлили муфассали дарки равандҳои имрӯза дар ин самт зарурати дидгоҳи ретроспективиро ба миён меорад. Гузариши низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ ба марҳалаи нави такмили раванди таҳсилот ҷустуҷӯи амсилаҳои нави фаъолияти педагогиро тақозо мекунад, ки сатҳи сифатан нави тарбия ва ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро таъмин карда тавонанд.

Дар диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; амсилаи педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ақида ва ғояҳои файласуфон, равоншиносон ва педагогон,

санадҳои муҳими давлатӣ “Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои расмӣ, нақша, барнома ва дастурҳои таълимӣ асоснок карда шудаанд.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот асос ёфтаанд. Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда, навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшуда, натиҷаҳою тавсияҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмпирии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳодгардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии таҳқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон вобаста ба ҷамъбаст ва хулоса намудани натиҷаҳои бадастовардашуда марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ гузаронида шудааст.

Дар маҷмуъ, ба диссертант Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон муяссар гардидааст, ки ба ҳадафи пажӯҳиш такя намуда, вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ роҳандозӣ кунад. Таҳқиқоти баанҷомрасида дорои аҳамияти назарраси назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар фаъолиятҳои

илмиву таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ истифода намудан имконпазир аст.

Мехостам, чанд дар бораи сифатҳои муҳаққиқи касбӣ ва шахсии шогирд сухан гӯям. Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар ҳайси омӯзгор фаъолият бурда, дар давоми фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст. Дар давраи фаъолияташ ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, эҷодкорӣ, сермасъулиятӣ, мустақилиятнокӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод. Дар ин давра, аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои кафедра эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 8 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия эътирофгашта нашр гардидаанд.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон ҳамчун муҳаққиқи фаъол, эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда, дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.

Дар хулоса, қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи "Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда" кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович

16.01.2026с.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1.
Тел.(+992)92 771 78 70. Почтаи электр.: Sharofzod1954@mail.ru

Имзои профессор Шаропов Шавкатҷон Аҳмадовичро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З.С.